***УДК 330***
***DOI 10.24412/2411-1945- 2023-1-73-79***

***ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИИ ХОНАВОДАГӢ ВА ОМИЛҲОИ ТАРАҚҚИИ ОН***

***Негматова Шоҳида Ғуфроновна,*** *н.и.и, муаллими калони кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***ОСОБЕННОСТИ РЕГУЛИРОВАНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДОМАШНИХ ХОЗЯЙСТВ И ФАКТОРЫ ИХ РАЗВИТИЯ***

***Негматова Шохида Гуфроновна,*** *канд. экон. наук, ст. преподаватель кафедры менеджмента ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***REGULATIONS OF HOUSHOLD ACTIVITIES AND FACTORS OF THEIR DEVELOPMENT***

***Negmatova Shohida Gufronovna,*** *candidate of economic sciences, senior teacher of management department of Tajik state University of Law, Business and Politics (Khujand, Tajikistan)*
***E-MAIL:*** *shohida1717@mail.ru*

*Нақши танзими фаъолияти хоҷагии хонаводагӣ ва омилҳои таъсиррасон ба рушди минтақа, такмил додани механизмҳои идоракунии давлатии низоми иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад. Нақш ва аҳаммияти танзими равандҳои иқтисодӣ, фазои ягонаи иқтисодӣ, татбиқи сиёсати сохторӣ ва инвеститсионӣ, рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, ки ба баланд шудани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунанд, асоснок карда шудааст. Дар асоси таҳлил ва арзёбии рушди хоҷагии хонаводагӣ омилҳои муҳимтарини пешрафти минтақаи Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Вобаста ба ин арзиши сабади истеъмолӣ дар танзими хоҷагии хонаводагии минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин нақши сармояи инсонӣ ва ҷиҳати сармоягузории он дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ дида баромада шуда, дар он нишондиҳандаҳои рушди индекси инсон низ таҳлил карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *хоҷагии хонавода, индекси рушди инсонӣ, сармояи инсонӣ, даромади хоҷагии хонаводагӣ, модели рушди иҷтимоӣ*

*Рассматривается роль регулирования деятельности домашних хозяйств и факторов, влияющих на региональное развитие, а также совершенствование механизмов государственного управления социально-экономической системой Республики Таджикистан. Обосновываются роль и значение регулирования экономических процессов, единого экономического пространства, реализации структурной и инвестиционной политики, социально-экономического развития страны, способствующих повышению конкурентоспособности региональной экономики. На основе анализа и оценки развития домашних хозяйств определены важнейшие факторы, воздействующие на развитие Согдийской области Республики Таджикистан. В связи с этим рассматривается стоимость потребительской корзины в регулировании экономики домохозяйств региона, а также роль человеческого капитала и инвестиций в него в социально-экономическом развитии региона, модель социального развития, анализируются показатели индекса человеческого развития.*

***Ключевые слова:*** *домашние хозяйства, индекс человеческого развития, человеческий капитал, доход домохозяйств, модель социального развития*

*The article discusses the role of regulation of household activities and factors influencing regional development, as well as improving the mechanisms of public administration of the*

*socio-economic system of the Republic of Tajikistan. The role and importance of the regulation of economic processes, the common economic space, the implementation of structural and investment policies, the socio-economic development of the country, which contribute to increasing the competitiveness of the regional economy, are supported. Based on the analysis and assessment of the development of households, the most important factors influencing the development of Sughd region of the Republic of Tajikistan are identified. In this regard, the cost of the consumer basket in regulating the economy of households in the region is reviewed. As well, it studies the role of human capital and investment in the socio-economic development of the region, the model of social development, and the development indicators of human index.*

***Key-words:*** *household, index of the human development, human capital, household income, model of social development*

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи бӯҳрони иқтисодии солҳои 90–ум паст шудани қобилияти харидории аҳолӣ ва даромади пулии хонаводаҳо мебошад. Бояд қайд кард, ки ин омилҳо ба ташаккули шакли рафтори истеъмолкунандагон таъсир мерасонанд ва тафовути истеъмолро дар давраҳои мухталифи рушди иқтисодиёти Тоҷикистон муайян мекунанд.

Айни замон дар низомҳои иқтисодӣ унсурҳое мавҷуданд, ки муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии хонаводагиро ба шаклҳои моликият, захираҳои иқтисодӣ ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории дар низоми иқтисодӣ ташаккул ёфта; шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти хоҷагидорӣ; механизми хоҷагидорӣ, яъне тарзи танзими фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи макро- ва микроиқтисодӣ такя мекунанд.

Дар чаҳорчӯбаи низомҳои иқтисодӣ дар зинаҳои мухталифи инкишофи ҷамъияти инсонӣ ба хоҷагии хонаводагӣ чун институт вижагиҳои зерин хос буд:

1) шаклҳои мухталифи ташкилӣ дошт;

2) дар хоҷагии мамлакат нақши муайянро бозӣ мекард;

3) тавассути низоми воситаҳои дохилию берунӣ танзим мешуд.

Дар раванди таҳаввулоти хоҷагии хонаводагӣ марҳилаҳои зерини асосиро ҷудо кардан мумкин аст:

- марҳилаи аввал бо ташаккули қабилаю обшина вобаста аст. Қабила ба оилаҳо, обшина бошад ба хоҷагиҳои оилавии меҳнатӣ ҷудо мешавад, ки дар онҳо ҳам вазифаҳои биологӣ ва ҳам истеҳсолӣ тамаркуз меёбанд. Дар ин асос оила чун субъекти мустақили фаъолияти хоҷагидорӣ ҷудо мешавад;
- дар марҳилаи дувум раванди мустақилшавии оила ва ташаккулёбии он чун субъекти моликияти хусусӣ ба амал меояд. Дар ин вақт муҳити бозорӣ ташаккул меёбад ва оилаҳои алоҳида ба он ҷалб мешаванд;
- дар марҳилаи сеюм давлат ҳамчун танзимгари фаъолияти иқтисодӣ, махсусан хоҷагии хонаводагӣ ба ҳисоб меравад;
- марҳилаи чорум бо ташаккули оила алоқаманд аст, ки он иҷрои вазифаҳои истеҳсолии хоҷагии хонаводагиро амалӣ мекунад. Хоҷагии хонаводагӣ хусусияти субъекти бозорро касб мекунад ва ба сифати фурӯшандаи захираҳо ва истеъмолгар - харидори молу хизмат баромад менамояд. Танзими фаъолияти хоҷагии хонаводагӣ асосан тавассути бозор зимни таъсири давлат ба ҳаёти иқтисодӣ сурат мегирад. Таъсири танзимии тарзи ҳаёти оилавӣ, анъанаҳои дерин, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ аҳаммияти дуюмдараҷа доранд, боқӣ мемонад;
- марҳилаи панҷум бо пайдоиши субъекти нави иқтисодӣ – корхонаҳо тавсиф мешавад. Онҳо барои истеъмоли аъзои хоҷагии хонаводагӣ молу хизмат истеҳсол мекунанд. Танзими фаъолияти корхонаҳо тавассути воситаҳои худии истеҳсолот ва давлат тибқи қонунҳои бозор амалӣ мегардад;

- марҳилаи шашум бо пайдоиши муносибатҳои сифатан нави иқтисодӣ байни хоҷагиҳои хонаводагӣ ва корхонаҳо тавсиф мегардад. Дар раванди алоқаҳои мутақобилаи байни субъектҳо фаъолияти истеҳсолӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад: намуди якуми фаъолият, ки корхона амалӣ мегардонад, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ мебошад, ки барои мубодила пешбинӣ мегарданд; намуди дигари фаъолият, ки хоҷагии хонаводагӣ иҷро мекунад, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ дар дохили хоҷагӣ барои худтаъминкунӣ ва фурӯши захираҳои иқтисодӣ дар бозор ба мақсади гирифтани фоида мебошад.

Чунин баррасии сатҳии мавқеи хоҷагии хонаводагӣ дар иқтисодиёти минтақа дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи он имкон медиҳад баъзе хулосаҳо бароварда шавад:

- аввалан, хоҷагии хонаводагӣ ҳамеша яке аз субъектҳои асосии иқтисодиёти миллӣ буда, дар он чун маҷмӯи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмии рафтор баромад мекунад;

- дувум, дар ҳар марҳилаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ хоҷагии хонаводагӣ дар шаклҳои мутаносиби ташкилӣ зухур мекунад: дар шароити низоми иқтисодии анъанавӣ – хоҷагии ҷамъияти ибтидоӣ, сипас оилаи алоҳида; дар Дунёи Қадим – хоҷагии ғуломдорӣ, шаҳрвандони озод; дар асрҳои миёна – мулки феодалӣ, хоҷагии деҳқони крепостноӣ, деҳқони озод, ҳунарманд (косиб), тоҷир, судхӯр; дар низоми иқтисодиёти бозорӣ – хоҷагии соҳибкор, коргари кироя, деҳқони озод, ҳунарманд (косиб), савдогар ва ғайра;

- севум, маҳсули асосии фаъолият ва моли хоҷагии хонаводагӣ нерӯи корӣ аст, ки дар шароити мушаххаси таърихӣ ба ин ё он тариқ ва ба ин ё он мақсад дар меҳнати дохилии худи хоҷагӣ ва берун аз он мавриди истифода қарор мегирифт;

- чорум, чун истеъмолгар хоҷагии хонаводагӣ барои қонеъ гардонидани талаботи худ бояд манбаи неъматҳои зарурӣ дошта бошад. Дар иқтисодиёти анъанавӣ ин неъматҳо дар дохили худи хоҷагӣ ба вуҷуд оварда, дар шакли натуралӣ истифода мешуданд. Маҳз аз ҳамин сабаб хоҷагӣ метавонист ҷудо аз дигар хоҷагиҳо вуҷуд дошта бошад. Дар иқтисодиёти бозорӣ қисми асосии неъматҳои истеъмолшаванда берун аз хоҷагӣ ба даст оварда мешавад, ки барои он воситаҳои пулӣ лозиманд;

- панҷум, дар низоми иқтисодии анъанавӣ фаъолияти хоҷагиҳои ҷамъият умуман ва қисми таркибии он – хоҷагии хонаводагӣ хусусан тибқи қоидаҳо, одатҳо, тарзи ҳаёти одамон дар шароитҳои гуногун, ки дар тӯли қарнҳои зиёд ташаккул ёфта буданд, танзим мешуданд. Ҳар як хоҷагӣ манфиатҳои худро ба роҳбарӣ мегирифт ва бо ёрии воситаҳои худӣ онҳоро амалӣ мегардонид, зеро, асосан, ба нерӯю имкониятҳои худ эътимод баста метавонист.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ натиҷаи фаъолияти хоҷагии хонаводагии алоҳида на танҳо аз ташкили дохилии он, балки аз вусъату умқи алоқаҳои он бо дигар субъектҳои иқтисодӣ вобаста гардид. Акнун, байни субъектҳои асосии иқтисодиёт – хоҷагиҳои хонаводагӣ ва корхонаҳо муносибатҳои барои ҳама умумии иқтисодӣ – муносибатҳои бозорӣ арзи ҳастӣ мекунанд, ҳамчунин таъсири давлат ба ҳаёти иқтисодии мамлакат меафзояд.

Муносибати серпаҳлӯ имкон медиҳад, ки оид ба институти хоҷагии хонаводагӣ чун маҷмӯи қоидаҳои расмию ғайрирасмии рафтор дар маҷмӯи мураккаби муносибатҳои мухталифи ҷамъиятию иқтисодӣ, ки ҳам дар дохили ин субъект ва ҳам дар алоқаҳои он бо муҳити беруна ташаккул меёбанд, муайян карда шавад.

Мусаллам аст, ки доираи фарогирии ҳифзи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳар як давлат, аз як тараф, аз сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи он ва имкониятҳои иқтидори иқтисодии онҳо дар самти ташкилу бараҳмонии ҳифзи иҷтимоӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба вазъияти демографии мамлакат ва зарурати танзими он алоқаманд аст. [3,103]

Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки ба афзоиши иқтидори истеъмолии хоҷагии хонаводагӣ ва татбиқи самарабахши он на танҳо фароҳам овардани шароит барои афзоиши

даромади воқеии он, балки баланд бардоштани маданияти ташаккули талабот ва истеъмоли хоҷагии хонаводагӣ низ имконият медиҳад.

Ҳамаи давлатҳои ҷаҳони имрӯза новобаста аз модели иҷтимоӣ – иқтисодии инкишоф як қисми маҷмӯи маҳсулоти дохилаашонро ба таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ба сатҳи муайяни зиндагии онҳо сафарбар менамоянд.

Дар робита бо истифодаи самараноки даромади дар ихтиёри аҳолӣ буда, риоя кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана, ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аҳаммияти махсус касб мекунад. Зеро дар ин қонун роҳҳои истифодаи сарфакоронаи захираҳои иқтисодӣ нишон дода шудаанд, ки ба беҳтар кардани сифати зиндагӣ, инчунин ташаккули амонатҳои аҳолӣ мусоидат мекунанд. Дар ин радиф иқтисоддони ватанӣ Қодиров Д.Б. таъкид мекунад, ки «сатҳи некӯаҳволӣ аз истифодаи самараноки захираҳое, ки дастовардҳоро таъмин мекунанд, вобаста аст”. [2,131]

Устувории иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаҳои арзёбишавандаи амнияти иқтисодии мамлакат буда, қудрати давлат ва сохтори ҳукмрони онро дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ ва бунёди механизми бонуфуз барои доираҳои ҳифзи манфиатҳои субъектҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад. Бинобар ин дар «Стратегияи давлатии амнияти иқтисодӣ» таъмини шароити мусоид барои ҳаёти солим ва инкишофи шахсият, устувории иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа чун ҳадафи пешравии давлат дониста мешавад.

Маҳдудиятҳои молиявӣ, даромади ҷории пулӣ ва пасандози пулии хоҷагиҳои хонаводагӣ имрӯз омилҳои муҳимтарин мебошанд, ки рафтори истеъмолии оммаро муайян мекунанд. [4,83] Ҳар давлат барои арзёбии вазъи воқеии даромади аҳолӣ бояд маҳаки мушаххасро доро бошад ва чунин маҳак ин ҳадди ақалли зиндагӣ ва сабади истеъмолӣ ба шумор меравад. Сабади истеъмолӣ чун асоси ҳисобкунии андозаи ҳадди ақалли зиндагӣ хизмат намуда, барои арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва расонидани кӯмаки иҷтимоии давлатӣ ба оилаҳои камбизоат истифода карда мешавад.

Арзиши умумии таъминоти озуқаворӣ аз хароҷоти пулӣ ба хариди хӯрокворӣ, таъминоти озуқаворӣ берун аз хона ва арзиши воридоти натуралии маҳсулоти хӯрокворӣ ташаккул меёбад. Чӣ қадаре ки ҳиссаи хароҷот ба озуқаворӣ кам бошад, сатҳи некӯаҳволӣ ҳамон қадар баланд ҳисобида мешавад. Сатҳ ва сохтори истеъмоли хӯрокворӣ ва арзиши энергетикии он низ нишондиҳандаи муҳиммест, ки сифати ҳаёти аҳолиро тавсиф мекунад. Солҳои охир дар аксарияти мамлакатҳои ИДМ тамоюли ихтисори истеъмоли картошка, нон, маҳсулоти нону кулча ва афзоиши истеъмоли гӯшту маҳсулоти гӯштӣ, тухм ва сабзавот ба мушоҳида мерасад. Сатҳи истеъмол на танҳо аз бузургии буҷет, балки аз аъзои хоҷагии хонаводагӣ вобаста аст.

***Диаграммаи 1.***

***Истеъмоли маҳсулоти хӯроквории ба ҳар нафар аҳолии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021***

*(дар як сол, бо кг)*




*Ҳисоби муаллиф дар асосӣ омори солонаи вилояти Суғд, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2022. – С. 218.*

Истеъмоли маҳсулоти хӯроквории ба ҳар нафар аҳолии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2015-2021 тадқиқ намуда, [1,218] ба чунин хулоса омадан мумкин аст. (ниг. ба диаграммаи 1).

Дар соли 2021 ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд дар як моҳ ҳиссаи аз ҳама зиёди истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ рост омадааст, ки вазни қиёсии он дар ҳаҷми умумии хароҷот 19,2%, сабзавоту полезиҳо бошад 4,2%, ширу маҳсулоти ширӣ 2,5%, меваю буттамева 2,3% – ро ташкил дод. Ҳиссаи гӯшту маҳсулоти гӯштӣ 12,6% буд, ҳиссаи аз ҳама кам ба моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ 0,3% рост меояд. Дар муқоиса бо соли 2019 тағйирот ночиз аст, танҳо истеъмоли сабзавот 22,3% афзудааст. Истеъмоли ширу маҳсулоти ширӣ ва равғани рустанӣ мутаносибан 15,6% ва 2,5% коҳиш ёфтааст.

Таъмин набудан бо озуқаворӣ вазъиятеро ифода мекунад, ки одамон аз дастрасии доимии физиологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миқдори кофии озуқавории серғизо ва барои саломатӣ бехатар, ки ба талаботу бартариятҳои ғизоии онҳо ҷавобгӯянд ва барои бурдани тарзи ҳаёти фаъолонаю солим заруранд, маҳрум мебошанд.

Ба сабаби нобаробарии даромади пулӣ таркиби маҳсулоти хӯроквории истеъмолшаванда дар хоҷагиҳои хонаводагии шаҳр ва деҳот фарқ мекунад. Дар хоҷагиҳои хонаводагии шаҳр истеъмоли мева, маҳсулоти шир, моҳӣ ва гӯшт бештар аст, дар маҳалли деҳот бошад маҳсулоти нону картошкаро бештар истеъмол мекунанд. Дар ин давра истеъмоли нон ва маҳсулоти нону кулча ба ҳисоби миёна ба ҳар узви хоҷагии хонаводагӣ 40-45кг-ро ташкил дод.

Яке аз омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ сатҳи маълумот ва сармояи инсонӣ мебошад.

Муҳаққиқи маъруфи сармояи инсонӣ Капелюшников Р. И. мафҳуми «сармояи инсонӣ» -ро чунин арзёбӣ менамояд: «Сармояи инсонӣ шакли сармоя аст, зеро он манбаи даромади оянда мебошад. Ҳар як инсон шахсияти инфиродӣ буда, сармояи он ҷузъи ҷудонашавандаи инсон аст». [5,138] Дар асоси ин, мо сатҳ ва сифати сармояи инсониро дар сатҳи минтақавӣ

муайян хоҳем кард.

Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар муқоиса бо дигар намудҳои сармоя, дар низоми устувори рушдёбандаи иқтисодӣ на танҳо барои шахс, балки дар маҷмӯъ барои давлат фоидаовар аст.

Бо мақсади муайян намудани нишондиҳандаи маҷмӯи сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ, шохиси рушди инсон истифода мешавад, ки нишондиҳандаҳои давомнокии умр, сатҳи саводнокӣ, маълумот ва сатҳи зиндагиро дар бар мегирад. Соли 2021 дар Тоҷикистон шохиси рушди инсон (ШРИ) – 0,67 ташкил дод.[7] Таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир ШРИ дар рейтинги ҷаҳонӣ аз ҷои 133-уми соли 2014 ба ҷои 125-ум расида аст.

Таъсири ҷузъҳои алоҳида ба индекси рушди инсон мухталиф аст. Динамикаи индекс дар бораи таъсири сахти ҷузъи даромад (ММД ба ҳар сари аҳолӣ) шаҳодат медиҳад, ки миқдори захираҳоеро, ки инсон барои амалигардонии як қатор имкониятҳо дар ихтиёр дорад ва онҳо бевосита бо нишондиҳандаҳои маълумот ва дарозумрӣ иртибот доранд, инъикос мекунад. Дар оянда ба назарияи «сармояи инсонӣ» аҳаммияти бештар дода мешавад, зеро он ба омӯхтани падидаҳои муносибатҳои бозаргонӣ ва ошкор сохтани самаранокии захираҳои молиявие, ки ба омили инсонӣ гузошта шудаанд, имкон медиҳад. [6,7]

Бояд қайд кард, ки масъалаи минбаъдаи рушди сармояи инсонӣ дар Стратегияи миллии рушд то давраи 2030 ҳамчун афзалияти ҳамаҷониба ва байнисоҳавӣ, ки масъалаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро баррасӣ мекунад, гузошта шудааст.

Имрӯз, сарфи назар аз пешбурди сиёсати фаъоли модернизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаммоҳои маҳаллӣ, ки ба рушди инноватсионии макроиқтисодӣ халал мерасонанд, то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Аз ҷумла:

- сатҳи пасти хароҷот ва таҳқиқот дар соҳаи сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ;
- инфрасохтори инноватсионӣ нисбатан суст тараққӣ ёфта, ки ба дастгирии самараноки соҳибкории хурди инноватсионӣ дар масъалаҳои таъсис, рушди робитаҳои коммуникатсионӣ, ворид шудан ба бозор бо маҳсулоти инноватсионӣ нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, барои ноил гардидан ба ҳаракати бомуваффақият дар самтҳои мазкур истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолӣ ва зеҳнӣ, муҳити мусоиди инвеститсионӣ, амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ба вуҷуд овардани инфрасохтори дастгирии раванди инноватсионӣ, инкишофи робитаҳои беруна, таҳкими пояи моддию техникии соҳаи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани тадбирҳои иловагии дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон, ҷорӣ намудани шаклҳои инвеститсионии хизматрасонии иҷтимоӣ, модернизатсияи соҳаи таъминоти иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Солномаи омории вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоти Суғд. – Хуҷанд, 2022. – С. 322*
2. *Кадыров Д.Б. Концептуальные основы формирования модели государственной политики роста благосостояния населения // Сборник «Наука и бизнес: условия взаимодействия индустриального партнерства: материалы Международной научно-практической конференции, 2017. - С. 130-137.*
3. *Саидҷонов С.Ш., Зокирова Ш.М. Такмили сиёсати минтақавӣ дар соҳаи даромади аҳолӣ./ Саидҷонов С.Ш., Зокирова Ш.М. // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ.– 2022. – No. 3(92). – P. 103-113.*
4. *Маъмуров А.М. Арзёбии вазъи муосири маъмурикунонии андоз дар сатҳи минтақавӣ / А. М. Маъмуров, С. Б. Саломов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ.– 2022. – No. 2(91). – P. 82-92.*
5. *Капелюшников Р. И. Современные западные концепции формирования рабочей силы [Текст] / Р. И. Капелюшников. – Москва: Наука, 1981.– 136 с.*

**6.** *Шульгина, Л. В. Человеческий капитал как объект социальной защиты / Л. В. Шульгина, С. В. Якимчук // ФЭС: Финансы. Экономика. – Воронеж: Финэкономсервис. – 2010. – № 12. – С. 7-11.*
**7.** *Шохисии рушди инсон https://nonews.co/directory/lists/countries/index-human (санаи мурочиат 15.10. 2022).*

### ***REFERENCES:***

**1.** *Statistic Annual of Sughd Region. Statistic Agency under the President of Tajikistan Republic in Sughd Region. – Khujand, 2022.-PP.322*
**2.** *Kadirov D.B. Basis of Conceptual Formation of the models of the State Policy of the Growth of well-being of the Population // Collection "Science and Business: Interaction Conditions of the Industrial Partnership: " International materials of Scientifico-practical Conference, 2017.- PP.130-137*
**3.** *Saidjonov S.Sh., Zokirova Sh.M. // The Progress of Local Policy in the Sphere of People's Income. / S.Sh.Saidjonov, Sh.M.Zokirov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2022. - №3 (92). – PP. 103-113*
**4.** *Mamurov A.M. Assessment of Condition of the Modern Tax Administration in a local Level / A.M.Mamurov, S.B.Salomov // Bulletin of Tajik State University of Law, Business and Politics. Series of Humanitarian Sciences. – 2022. - №2 (91).-PP. 82-92*
**5.** *Kapelyushnikov R.I. Modern Western Concept of the Formation of Labour Power [Text] / R.I. Kapelyushnikov. – Moscow: Science, 1981. -136pp.*
**6.** *Shulgina L.V. Human Capital as the Object of Social Security / L.V.Shulgina Yakimchuk // Finances. Economy. – Voronezh: Financial economic Service. – 2010. - №12. – PP. 7-11*
**7.** *Index of the Human Development. https://nonews.co/directory/lists/countries/index-human (date of appeal: 15.10.2022)*